# 4362 - Пас аз издивоҷ ба ному насаби шавҳар гузаштан

## савол

Саҳифаи шуморо нигоҳ мекардам ва саволи рақами 2537-ро хондам, ки оиди ҳукми тағйир додани насаби зан сухан мекунад. Гуфтед, ки он ҳаром аст. Мехоҳам, ки агар битавонед, бар ин ҳукм далелҳоеро аз Қуръону ҳадис зикр намоед. Ташаккур.

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ба назар мерасад, ки мақсади саволдиҳанда аз тағйир додани насаби зан, пас аз издивоҷ нисбат додани ӯ ба шавҳараш мебошад. Ин амал дар шариъат мамнӯъ ва ҳаром аст. Зеро барои ҳеҷ кас ҷоиз нест, ки худро ба ғайри падари худ нисбат диҳад, хоҳ мард бошад ё хоҳ зан.

Аллоҳ таъоло фармудааст:

﴿ادْعُوهُمْ لِآبَائِهِمْ هُوَ أَقْسَطُ عِنْدَ اللَّهِ﴾ (الأحزاب:5).

"Писархондагонро ба номи падаронашон бихонед, ки дар назди Аллоҳ мувофиқи инсоф аст".   (Сураи Аҳзоб:5).

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:

"Касе, ки худро ба ғайри падараш нисбат диҳад, Аллоҳ ӯро лаънат кунад".   Ривояти имом Аҳмад ва дигарон.

Аллоҳ таъоло донотар аст.